**Профессор Хуршед Аҳмад**

# Як китоби инқилоб

Мутарҷим:

**Дуктур Нурмуҳаммади Умаро**

**Ин китоб аз сайти китобхонаи “Ақида” донлуд шудааст**

**www.aqeedeh.com**

**Адреси мо:**

Book@aqeedeh.com

Nikzad@jahanislam.com

## Сайтҳои муфид

book@aqeedeh.com
www.sadaislam.com
www.bidary.net
www.farsi.sunnionline.us
www.mohtadeen.com
www.islam411.com
www.ahlesonnat.com
www.isl.org.uk
www.blestfamily.com
www.islamage.com
www.islampp.com
www.nourtv.net
www.islamhouse.com
www.tabesh.net
www.sunni-news.net
www.ijtehadat.com
www.aqeedeh.com
www.islamtxt.com
www.islamtape.com
www.islamworldnews.com
www.islamwebpedia.com
www.videofarda.com

## Муқаддима

Робитаи ман бо “Тафҳимул-Қуръон” аз навъи робитаи шогирд бо устод ё раҳраву раҳбар аст. Ман сатр сатр ва калима калимаи онро бо диққат мутолиа кардаам ва ӯ ангушти маро гирифта қадам ба қадам фикру андеша ва амалу кирдори маро раҳнамоӣ кардааст. Дар бораи чунин китоби бузург фарде чун ин шогирди ночиз ҳар он чӣ бингорам, бо он чӣ онро нақду баррасӣ мехонанд, ҳеҷ робита ва нисбате наметавонад дошта бошад. Ҳамон тавре, ки як нависанда наметавонад дар бораи зиндагиномаи худ ноқиду пажуҳишгари хубе бошад, ман низ наметавонам дар мавриди китобе, ки ба ман наҳваи фикр кардан ва андешиданро омӯхта, бодбони зиндагии маро ба куллӣ тағйири ҷиҳат дода, ба сӯи роҳи навини саодатофаринӣ маро савқ дода, аз диди як ноқид бингарам.

Бо вуҷуди ин эътироф метавонам ба ҷуръат ин ҷасоратро низ бикунам, ки ҳамон тавр як шогирд метавонад беҳтарин ноқид ва дар айни ҳол қадршиноси устодаш бошад, шояд дар байни афроди бешуморе, ки ин китоб дар зиндагиашон инқилобе ба по карда, агар ман низ дар равшан кардани ҷойгоҳ ва маконати он ва ба тасвир кашидани қадру манзалати он кушише ба харҷ диҳам, беҳӯда нахоҳад буд.

Ва агар ин шогирдро то ҳудуде бо бисёр дигар аз устодон таҷрибаҳои пеш омада бошад ва дар ӯ ин салоҳият низ муҳаё бошад, ки бо садоқат ва ростгӯи битавонад дар бораи устодони худ назар диҳад ва байни онҳо навъи мувозана ва муқоранаро ба

тасвир кашад, бидуни шак шаҳодату гувоҳии ӯ ба гунае моро дар шинохти мақому мартабаи он устод ёрӣ хоҳад кард.

Имрӯз чунин шогирде ҷуръат карда, то дар бораи устодаш сухан гуяд, албатта шояд ҳикоят чунин ҳам набошад, балки қалами ин шогирд аст, ки беихтиёр ба ҳаракат даромада, ангуштон ӯро маҷбур сохта, то ба нигоштани ин гузориш ба ҳаракат дароянд.

## Тафсири Қуръон.. пажвоки андешаи исломӣ

Зиндагии уммати исломӣ бо Қуръони Пок гиреҳ хурдааст. Ин ҳамон китобест, ки бадин уммат зиндагӣ бахшида ва ҳар дам ӯро зери доманаш парвариш медиҳад ва лаҳза ба лаҳза ӯро зери назар дорад. Ин нерӯи муҳаррика ин киштиест дар гирдоби ҳаводис ва лангарест, ки онро дар соҳили амон ором нигаҳ медорад ва ин ҳамон наққошест, ки умматро ба зеботарин шаклу шамоил расм кардааст ва дар ӯ ин шахсият ва шоистагиро дамида, то дар масири тулонии таърих аз уҳдаи ҳалли қазияҳои навин ва мушкилоти бисёр печида барояд.

Қуръон барои ин миллат танҳо як китоб нест, балки рамзи зиндагӣ ва қудрати вуҷуд аст ва ӯ дар колбади ин миллат дуруст ҷойгоҳи “қалб”ро дорад. То метапад миллат зинда аст ва бидуни тапиши он миллатро вуҷуде нест ва зиндагият ба куллӣ ноамумкин хоҳад буд.

Ин аҳамияти бемонанд ва ҷойгоҳи ҳаётии Қуръони Карим, ин нуқтаро ба хубӣ равшан месозад, ки чаро дар ҳар давру замоне баҳтарин салоҳиятҳо ва шоистагиҳои зеҳнӣ ва халлоқияти илмӣ ва пажуҳишии мусалмонон дар ростои фаҳму дарки ин китоб ва баёни хостаҳои он сарф шудааст.

Тафҳим ва тафсири Қуръони Карим муҳимтарин ва барҷастатарин майдони баҳсу баррасии пажуҳишгарони исломӣ будааст. Аз ин хотир тафсири Қуръони Карим дар ҳар замон дар ҳақиқат оинаест, ки фикру андешаи он давраро инъикос медиҳад ва дар пажвоки он мо тасвири гӯё ва зинда аз талошҳои пажуҳишгарон ва андешмандони исломӣ дар ҳар ҷои дунёро дар

замонҳои мухталиф метавонем назорагар бошем. Бидуни шак дар тули таърихи исломӣ талошҳое, ки дар ин майдон сурат гирифта ва арақҳое, ки дар ин  росто рехта шуда ва давоту қаламҳое, ки бар варақ нақш баста, бо ҳеҷ майдони дигаре қобили қиёс нест.

Қуръони Карим тамоми резу дурушти зиндагии башарро мадди назар дорад, азин руст, ки тафсирҳои қуръонӣ чеҳра ва симои дурусти тафаккури исломиро аккосӣ намудааст. Дар сояи он аксҳои себуъдӣ ва ҳамаҷонибаи умқу вусъати фикр ва андешаро метавонӣ ба равшанӣ бубинӣ. Тафсир корномаи бемонандест, дар фазои илму андешаи мусалмонон, ки дар таърих ҳеҷ миллат ва тамаддуне наметавонӣ назири онро биёбӣ.

(Дар китобхонаи арабӣ беш аз ҳазору дусад тафсир чопу нашр шуда вуҷуд дорад ва Худо медонад чӣ қадар тафосири дигаре вуҷуд дорад, ки то кунун ба сурати дастнавист боқӣ монда, ба чоп нарасидааст ва дар китобхонаи урдӯ беш аз ду саду панҷоҳ тарҷума ва тафсири ноқис вуҷуд дорад ва дар ҷаҳон ҳеҷ забонеро нахоҳӣ ёфт, ки фарзандони он мусалмон бошанд ва адабиёти онҳо аз тарҷума ва тафсири Қуръон холӣ бошад).

Ин нишонаҳоест аз ин, ки ақлу қалби уммати исломӣ вазифаи худро анҷом медиҳад ва корвони миллат дар ҳоли сафар аст. Тафсир беҳтарин намодест аз фикру андешаи мусалмонон. Афсус, ки то кунун таърихи шумулӣ ва ҳамаҷонибаи фикру андешаи мусалмонон нигошта нашудааст, вале ҳаргоҳ ин таърих ба риштаи таҳрир дарояд, аввалин роҳнамо, марҷаъ ва асоси он адабиёти тафсирии мо хоҳад буд.

Сафарномаи тафсири Қуръон ҳамгом бо нузули он аз сӯи Парвардигори якто оғоз шуд.

Роҳе, ки Худованди Мутаол барои ҳидоят ва раҳнамоии башарият ихтиёр намуд, аз ду ҷузъ ташкил мешавад:

Китоби осмонӣ...

Ва Паёмбаре, ки ин китоб бар Ӯ нозил шудааст...

Роҳу расми ҳидоят ва раҳнамоии Парвардигори олам аз ҳазрати Одам (а) гирифта то Паёмбари хотам (с) бадин минвол ҷараён доштааст. Паёмбари Акрам (с) бар пояи ин услубу равиши илоҳӣ инсонҳоро чунин раҳнамоӣ намуд:

**А)** Тиловати оёти Каломуллоҳи Маҷид: яъне Қуръони покро он чунон, ки бар Ӯ ваҳй шуда буд, ба гӯши бандагони Худованд бирасонад ва ваҳйи илоҳиро ба ҳамон шаклу шамоиле, ки бар Ӯ имло шуда, ба башарият мунтақил созад.

**Б)** Амал ба аҳком: яъне шахсан ба ҳидоёт ва раҳнамоиҳои илоҳӣ ҷомаи амал пушонда, дар баробари инсонҳо чунон намуна ва улгӯе ба тасвир кашид, ки онҳо битавонанд бо пайравӣ аз Ӯ ба ризоят ва хушнудии Парвардигорашон даст ёбанд.

**В)** Таълим ва тавзеҳи оёт: яъне шарҳу тавзеҳ ва тафсири оятҳои Каломуллоҳи Маҷид: ошнои бандагони Парвардигор бо маъно ва мафҳуми дурусти он, бартараф кардани иштибоҳот ва ишколот ва каҷфаҳмиҳо аз бандагони Худо, дур кардани мушкилоти зеҳнӣ ва рафтории онҳо, муҳаё сохтани он чӣ боиси итминони хотир ва қуввати қалби онҳо мешавад ва онҳоро бо ин китоб ва мақосиду мутолаботи он, шеваи сохторӣ ва ислоҳу равиши барномарезии он ва наҳва ва қавонин ва роҳу расми

зиндагӣ бар мабнои он ошно сохт, то бадин ҷо, ки дар фану фавти зиндагӣ дар соири Қуръон моҳир гарданд.

Паёмбар (с) ин се мавридро бо беҳтарин ваҷҳ анҷом доданд, паём ва даъвати Қуръонро дар байни мардум иблоғ карданд ва он ҷунбиши инкилоберо, ки ин китоб мехост барпо кунад, ҷомаи амал пушониданд, дар сояи он нақши зиндагии фардӣ ва роҳу расми зиндагии иҷтимоиро ба куллӣ тағйир дода, ҷомеаи мусалмон ва ҳукумати исломӣ барпо доштанд ва бар сафаҳоти дурахшони таърихи башарият он марҳалаеро оғоз намуданд, ки партави аввалини нураш дар ғори Ҳиро табидан гирифта буд.

Тамоми он чӣ барои фаҳмондани Қуръон аз Паёмбари Худо (с) сарзада, ҳамроҳ бо ҳама он чӣ дар тавзеҳу шарҳи он ба лаб кашида, тафсири Қуръони пок ном дорад.

Пас аз он тамоми фаъолиятҳое, ки барои тафсири Қуръони Карим сурат гирифт дар рушноии ҳамин шеваи Паёмбари Худо (с) дар амалу шарҳ ва тавзеҳи оятҳои Каломуллҳи Маҷид будааст. Ба таври бунёдӣ метавон гуфт: тамоми талошҳои тафсирӣ се паҳлӯро madди назар доштааст:

**Аввал:** Талош барои равшан намудани ин нуқта, ки Паёмбари Акрам (с) ва шогирдони барҷастаи он мақом, ки аввалин бор Қуръон бо онҳо сухан гуфта, оёти қуръонӣ ва аҳкому дастуроти мухталифи онро чигуна фаҳмиданд ва дарку фаҳм ва бардошти онҳо аз оятҳои қуръонӣ чӣ будааст!

Тафсирҳое, ки ба ҷанбаҳои луғатии Қуръони Карим ва ривоёти ворида аз Паёмбари Худо (с) дар шарҳу басти оёти он эҳтимом варзидаанд, ҳалқаи васли ин силсила ё занҷира мебошанд.

**Дуввум:** Дар ҳар давра бо падид омадани мушкилоту қазияҳои навин ва бардоштҳову печидагиҳо ва гиреҳҳои ҷадид дар тамадунҳои башарӣ, тафсирҳо саъй кардаанд, дар сояи иршодот ва мафоҳими волои қуръонӣ роҳҳалҳоеро ба башарият пешкаш доранд ва дар боз кардани гиреҳҳои кур саҳим бошанд.

Андешмандон мушкилоту падидаҳои печида ва гиреҳҳои курро пеши рӯи худ ниҳода, барои ёфтани роҳи ҳал даст ба домани Қуръони Пок шудаанд. Онҳо бо фикру андеша дар оёти Каломуллоҳи Маҷид ва бо таваккал бар Парвардигори олам талош кардаанд, барои башарият равшан созанд роҳнамое ва барномаи сохторӣ  ва роҳҳалҳое, ки Қуръои Маҷид дар мавриди ҳар мушкиле пеши рӯй мегузорад, чист.

Онҳо бо дар назар гирифтани шолудаи зиндагии фардӣ ва иҷтимоии ҷомеа, хад ва холи шоҳроҳи зиндагии Қуръони Карим дар ҳар давру замонеро ба равшанӣ баён доштаанд.

Тафсирҳои фиқҳии Қуръони Карим бар мабноми ин паҳлӯ ва ҷавобгӯ будани ин ришта аз ниёзҳо нигошта шудааст! (Ҷой дорад равшан созем, мо дар ин ҷо фиқҳро ба маънои густарда ва шомили он дар назар дорем, ки дарбаргирандаи он аҳкому масоил ва ҳолоти қалбӣ ва эҳсосоту авотифест, ки дар партави онҳо ҷомаи амал пушондан бадин дастуроту фармонҳо матлуб аст. Ва дар ҳақиқат тафсирҳои орифона низ ҷузъе аз ин силсила мебошанд, ки дар онҳо гуфта шуда бо чӣ эҳсосот ва шуъуру ҳаяҷон ва ба чӣ наҳве фармонҳои қуръонӣ бояд ба иҷро дароянд).

**Саввум**: Дар ҳар даврае талош шуда бо таваҷҷуҳ ба сатҳи фаҳму дарки мардум ва назариёти матраҳ дар ҷомеа ва

ишколҳои хоси ҳар рӯзгор ҳикматҳо ва андарзҳову омӯзаҳои қуръонӣ возеҳ ва равшан ироа шавад. Шакку шубуҳот бартараф гардад, эътирозоти мухолифон ва иштибоҳоту ишколоте, ки аз сӯи дӯстони нодон ё ҷоҳил мунташир мешавад, рафъ гардад. Дар равшании Қуръон фитнаҳои рӯз аз беху бун канда шавад ва бо таваҷҷуҳ ба пешрафҳои илмӣ ва инкишофоти ҷадиде, ки гузинаҳо ва маърифаҳои Қуръонро таъйид мекунанд ва ё шарҳ медиҳанд, маротиби дарку фаҳм ва итминони қалб барои толибони илму маърифат фароҳам гардад.

Тафсирҳое, ки ба эъҷози Қуръон ва ё масоили каломӣ ё шеваҳои мунозирона дилчаспӣ доранд, ин ниёзро бароварда мекунанд.

Ин се маврид дар ҳар даврае аз замон таваҷҷуҳи андешмандон ва аҳли илму донишро ба муҳимтарин ва нозуктарин ҷавониб шарҳ ва тафсир мабзул доштааст.

Дар сояи ин талошҳои бедареғ ҷавониби бешуморе аз илму маърифат тарвиҷ ёфта, бо гузашти замон тараққӣ пайдо карда ба сурати каёни мустақил шуру ба нашу намо намудааст.

Фани забоншиносӣ ва фасоҳату балоғат ва  нақди адабӣ ба ҳадафи фаҳмидани дурусти калимаҳо ва тарокибу муҳовараҳои қуръонӣ падид омад. Фани тиловат ва таҷвид ва илми асвот барои хондани дурусти оёти Каломуллоҳи Маҷид вазъ шуд. Фани китобат ва хушнависию хаттотӣ масъулияти имлои дурусти Қуръоно бар уҳда гирифт. Дониши таърих ва ҷуғрофиё ва тақобули адёну мазоҳиб дар талош барои фаҳми беҳтари ҳикоёту достонҳои қуръонӣ тараққӣ дода шуд. Риштаҳои усули фиқҳ, фиқҳ, тасаввуф дар кӯшиш барои истихроҷ ва истинботу

фаҳми аҳком ва қавонини қуръонӣ, таъйини маҳдуда ва доираи ҳаракат, таълиму омӯзиши онҳо ва ҳамчунин барои дарки рӯҳу маърифати онҳо падид омад.

Фани ҳадис, асмои риҷол ва усули ҷарҳу таъдил дар ростои фаҳми тафсири Қуръони Карим мудаввап шуд, то ояндагон ба таври дақиқ ва бо итминони комил дарёбанд Паёмбари Худо (с) ба чӣ сурат аҳкоми илоҳиро дар зиндагии худ пиёда намудаанд ва оёти илоҳиро чӣ гуна шарҳ доданд ва ба чӣ сурат мурoду мафҳуми дурусти оятро баён доштанд. Илми фароиз ё мирос барои иҷрои аҳком ва қонуни собити виросат ба вуҷуд омад. Илми калом барои дифо аз Қуръон мутаваллид шуд ва дар зери шамъи пурфуруғи ишороти гузарои Қуръони Карим риштаҳо ва донишҳое чун: зистшиносӣ, ҷавоншиносӣ, шимӣ, пизишкӣ, мантиқи истихроҷӣ ва истиқроӣ ва риштаҳои амалии бешумори дигаре тараққӣ ва фуруғ ёфт. Тамоми ин улуму фунун дар доира ва маҳдудае, ки дар партави Қуръон рушд намудааст, барои ояндагон донишҳое поя ва кумаке барои тафсиру фаҳми дурусти оёти Каломулоҳи Маҷид ба шумор меоянд.

Ба таври асосӣ ин донишҳои поя мебоист танҳо дар тасаввури маркази тафсир адои хидмат мекарданд, вале дар майдони амал шуъба ва ё шохае ба вуҷуд омад, ки шағаф ва ишқ бадин маърифҳои инсонӣ он чунон бар он ғалаба пайдо намуд, ки дар бисёре маворид алфозу маъони қуръониро ба сурати дуруст мадди назар қарор намедод. Дар ин фазои гардолуд саодатмандоне камари ҳиммат ба Қуръон баста талош намуданд, бори дигар шоҳроҳи зиндагии қуръониро возеҳу равшан ба намоиш гузоранд ва интибоҳот ва каҷфаҳмиҳо ва гумроҳиҳое, ки

дар тамоми саҳнаҳои фикрӣ ва амалӣ рунамошударо дар партаври Қуръони пок ислоҳ созанд.

Тафсири Қуръон дар фикри исломӣ ҷойгоҳи меҳвар ва марказу доираро дорост. Бар мабнои ин мо бар ин боварем, ки адабиёти тафсирии мусалмонон беҳтарин ойинаест, ки метавонад наҳваи фикру андеша ва нигариши онҳоро бозтоб диҳад ва ба дурустӣ метавон таърихи комили ин миллатро дар ойнаи тафсир ба равшанӣ назорагар буд.

## Ҳикояти тафсир дар шибҳи қораи Ҳинду Покистон

Умри дурусти Қуръон ва тафсирнависӣ дар Шибҳи Қораи Ҳинду Покистон ба ҳазор сол мерасад. Ғолибан силсилаи ин талошҳо барои аввалин бор дар вилояти Синд шуру шудааст. Дар соли 270 ҳиҷрӣ ҳокими вақти Мансура Абдуллоҳи бин Умар бин Абдулазиз аз як олими синдии ироқиасл, ки дар ин минтақа касби илму дониш намуд, хост то тафсире бинависад.

Синд, Роҷпутона ва Панҷоб дар аҳди Ғазнавиён маркази даъвату таблиғ ба Ислом буданд, аз ҷумла уламои тафсири ин даврон дар Лоҳур метавон аз Саид Муҳаммад Исмоили Бухорӣ (р) ном бурд.

Аввалин тафсири комиле, ки ба чоп  расида, дар дастрас аст, асари олиме аз Дакан ба номи Низомуддин Ҳасан бин Муҳаммад бин Ҳасани Шофеӣ, маъруф ба Низоми Нишопурии Давлатободӣ (р) аст, ки дар байни солҳои 728-830 ҳиҷрӣ дар Дакан комил шуда ва дар Ирон ба чоп расидааст. (Ғароибул-Қуръон, Теҳрон 1280 ҳиҷрӣ).

Аз ин таърих то ба имрӯз тафосири бешуморе ба тамоми забонҳои мусалмонон: арабӣ, форсӣ, англисӣ, урдӯ, синдӣ, пашту ва забонҳои дигаре ба риштаи таҳрир даромадааст.

Метавон гуфт ба таври умум тамоми ин тафосир бар мабнои ҳамон мафоҳим поя ва бунёде нигошта шуда, ки дар соири кишварҳои исломӣ донинмандон тафсирҳояшонро бадон менавиштанд.

Теъдоди зиёде аз онҳо тафсирҳои ривоётӣ ва мустанаде ҳастанд, ки талош доранд оёти Каломуллоҳи Маҷидро дар сояи фармудаҳои гуҳарбори Расули Акрам (с) ва он чӣ аз Саҳоба ва ёрони он Ҷаноб расида, шарҳу баст диҳанд. Теъдоди тафсир низ аз нуқтаназари луғат, эъҷози Қуръон ва баёни маҳосину зебоиҳо ва нигораҳои адабӣ нигошта шудаанд.

Дар боби эъҷози Қуръони Карим ба таври умум дар яке аз нуқтазарҳои он: назми Қуръон мавриди канковишҳои амиқе қарор гирифта, ки дар ин боб уламои Шибҳи Қора хидматҳои шоёнеро пешкаш доштанд. (Имом Ибни Қайим (р) ва Имом Фахруддини Розӣ (р) ба ин ҷониб таваҷҷуҳи хосе мабзул доштанд. Аз тафосири мунташиршуда дар Шибҳи Қора: Тафсири Раҳмонӣ- Табсируураҳмон- асари Шайх Зайнуддин Алӣ бин Аҳмад бин Алӣ Ҳоимии Ҳиндӣ ва тафсири Алмуҳаммадӣ аз Муҳаммад бин Аҳмад Миёнҷӣ ва осори Мавлоно Абдулҳамид Фароҳӣ: Низоми Қуръон ва Таъвилул-Фурқони бил-Фурқон- маҷмуаи тафосири Фароҳӣ- билахас дар ин боб қобили зикранд).

Тафосири каломӣ навъи дигаре аз тафосир аст, ки ба масоили рӯз таваҷҷуҳи хос дорад ва саъй мекунад бо истидлолҳои ақлӣ ҳикмати таъолими волои қуръониро баён дошта ба эътирозоти ворида ҷавоб гӯяд ва дар ин талош аст, то барои мушкилоти рӯз роҳи ҳал ва ҷавобҳое биёбад.

Ҳамчунин барои баёни масоили фиқҳӣ ва баровардани ниёзҳои мадрасаи ирфону тасаввуф тафсирҳое нигошта шудааст. Дарси тафсир дар Шибҳи Қораи Ҳинд тамоми ин мароҳил ва гунаҳоро зери назар дошта, дар он қалам задааст.

Ба гумони ғолиб сафарнома ё силсилаи тафсир Қуръон ба забони урдӯ аз хонаводаи Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ (р) оғоз мешавад. Дуто аз фарзандони баруманди ишон Қуръони Каримро ба урдӯ тарҷума кардаанд ва тарҷума пули аввали тафсир аст. Тарҷумаи поварақиҳои Шоҳ Абдулқодир, фарзанди Шоҳ Валиюллоҳои Деҳлавӣ ба номи “Муваззеҳул-Қуръон” мунташир шуда ва то кунун мавриди истифодаи аҳли илму кониш қарор дорад. Тарҷумаи бародари ишон Шоҳ Рафиуддин (р) низ дар майдони тафсир роҳгушост. Дар ҳамин давра тарҷумаи ташриҳии Ҳаким Муҳаммад Шарифхон (р) (вафот 1222 ҳиҷрӣ) низ бар саҳнаи вуҷуд падидор шуд. (Албатта Профессор Ҳомид Ҳусайни Қодирӣ бар ин бовар аст, ки ин тарҷума аввалин тарҷумаи Қуръон ба забони урдӯ аст. Ниго: Достони таърихи урдӯ, табъи дуввум, соли 1957 милодӣ, сафҳаи 144).

Инҳо кӯшишҳои поя ва бунёдӣ дар ин росто буд, ки пас аз он силсилаи тарҷума ва тафсири Каломуллоҳи Маҷид равнақ гирифт ва садҳо тан аз бандагони холис ва мӯмини Худованд мутобиқи завқу салоҳият ва халоқиятҳои худ талош карданд хидмате ба паёми расои илоҳӣ анҷом дода, шарҳу тафсир ва тарҷумае аз Қуръони Карим арза доранд.

Бештар тафсирҳои урдӯ тафосири умумӣ будааст. Бархе танҳо аз дидгоҳу ҷониби хосе Қуръонро тафсир кардаанд ва бархе низ талош доштанд домани маърифати густардаи ҷанбаҳои мухталифе чун: луғат, ривоят, таърих, илми калом, фиқҳ ва ирфонро якҷо арза кунанд.

Бо дар назар гирифтани ин сармояи ҳангуфти имлу маърифат мо ба “Тафҳимул-Қуръон” мерасем. Шукру сипос

Худоеро, ки ин тафсир дар нимароҳ ноқис намонда ва комил шудааст.

Ин тафсир шарҳу басти тамоми Қуръонро дар баргирифта ва дар ростои фаҳми Қуръон услубу равишеро ихтиёр карда, ки дар тамоми роҳ дасти хонандаро гирифта, пала пала ӯро ба сӯи Парвардигораш уруҷ медиҳад ва дар ҳеҷ марҳалае танҳо раҳоят намекунад.

## Тафҳимул-Қуръон ва нуқтаи таҳаввули зиндагии миллии мо

Мавлоно Мавдудӣ фаъолияти ислоҳӣ ва таҷдидии худро дар соли 1925-26 милодӣ оғоз намуд. Шикасти зоҳирии ҳаракати хилофати исломӣ ва дар паи он офати фикрӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсии рӯз ӯро барои ин кор омода намуд. Бисёре буданд, ки дарди ҷомеаро эҳсос мекарданд ва аҳамияти чунин фаъолиятеро дарк намекарданд, вале андак афроде буданд, ки ҳиммату ҷавонмардиашон тавоноии синасипар кардан дар муқобили мушкилот ва озмоишҳову имтиҳонҳои сахти ин роҳро дошт. (Албатта бархе нидои ҳиммат бароварда, миллатро ба сӯи бедорӣ ва ҳаракат водоштанд, вале дар нимароҳ чун бо мушкилот ва сахтиҳои масир мувоҷеҳ шуданд, ҳимматҳо нотавонашон фуру рехт ва дар муқобили сахтиҳо камар хам карда, шикастро пазируфтанд ва бар шиорҳои худ буса зада онҳоро бар замин андохта аз роҳ буриданд).

Дар ин бухрони шадиди рӯзгор навҷавони ошиқ ва шайдои дин бо ҳиммати фулодин чашм ба ҳадаф ва ормони бузург дӯхта, қадам дар роҳ ниҳод.

Таҳқиқ ва пажуҳишу баррасӣ дар бораи "Ҷиҳод дар Ислом"[1] ӯро дар ин роҳ ошно сохт. Соли 1928 милодӣ то соли 1932 давраи тафаккур ва бознигарӣ ва изтиробу дигаргунӣ ва ахиран тасмимгирии ниҳоии ӯст, дар ин марҳала ӯро сӯзу тоби

[1] : Барои шинохти бештари Мавдудӣ мурочиа кунед ба китоби "дарахти соядор", навишатаи Ҳумайро Мавдудӣ, тарҷума/ Нурмуҳаммади Умаро, нашри Эҳсон 1386

хосе буд, ки шояд ин байти шеър битавонад онро ба тасвир кашад:

Шабҳои зиндагии ман дар ин кашмакаш гузаштанд

Гаҳе сӯзу созу май ва гаҳе печу тоби розе

Билохира дар соли 1932 милодӣ ӯ тасмими худро гирифта роҳашро интихоб намуд ва дар соли 1933 ба василаи маҷалаи "Тарҷумонул-Қуръон" даъвати инқилобии Қуръонро ба мардум тақдим дошт. Нуқтаи оғоз ва мунтаҳои мақсуди даъвати ӯ танҳо Қуръон буд. Дар шумораи аввали "Тарҷумонул-Қуръон", ки зери мудирияти Мавлоно Мавдудӣ мунташир шуд, чунин омада: "Имрӯз ин рисолати осмонӣ вориди марҳалаи бисёр дӯшвору сахт ва тоқатфарсо мешавад. Сахтиҳову дӯшвориҳо ва фарозу нишебҳои роҳ аз ин нест, ки он чӣ пеш рӯст аз гузашта мушкилтар ва душвортар аст, балки аз ин руст, ки бозуҳое, ки имрӯз рисолат бадонҳо мунтақил мешавад, аз бозувони пуртавони мардони дирӯз нотавонтаранд. Аз як сӯ заъфу нотавонист ва аз сӯи дигар ниёзи марҳала инаст, ки Исломро бо он зебоӣ ва ҷамоле, ки Қуръони Ҳаким ба тасвир кашида, ба ҷаҳониён арза дорем. Гуфтани чунин сухане ва матраҳ сохтани чунин шиоре бисёр осон аст, вале дар ҳақиқат дӯрӣ аз шамъи фурузони нубуват, камии илму дониши дуруст, фуқдони саломати қалбу андешаи соқиб ва дарки дуруст, фалсафагарии юнонӣ, мушкофиҳои гунг, шакку шубҳапароканиҳои ҷаҳони Ғарб ва муҳимтар аз ҳама худпарастӣ ва пайравӣ аз хоҳишоти нафсонӣ дар байни мо ва илму маърифат ва дониши қуръонӣ пардаҳои кулфати бисёре қарор додааст ва дар натиҷаи он он чӣ Қуръон бисёр сода ва осон карда буд, имрӯз дар назарҳо аз ҳама чиз дӯшвортар ва мушкилтар шудааст. Дар гиру дори ин вазъи

асафбор тақдими Қуръони Маҷид ба сурати аслии он кори бисёр дӯшворест”.

Ва ӯ ин кори бисёр дӯшворро бо ҳамон ишқу шайдое оғоз намуд. Тақрибан 80 китоб аз қалами Мавлоно Мавдудӣ дар омӯзаҳои мухталифи қуръонӣ мутаваллид шуда, лекин чунин ба назар мерасад, ки дар даҳаи аввали ин ҷаҳиши навин, Мавлоно Мавдудӣ чунин эҳсон кард, ки гӯё ӯ тасаввур ва дидгоҳи инқлибии Қуръони Каримро бо навиштаҳояш бо беҳтарин сурат пешкаш кардааст, аммо барои бозгардондани миллати исломӣ ба сӯи асосномаи Қуръон ва тасаввури дурусти диёнати илоҳӣ ва мутаваҷҷеҳ сохтани ӯ ба барномаи таърихияш..- даъват ба сӯи хайру саодат ва водоштан ба некӣ ва парҳезгорӣ ва дӯрӣ аз зиштиҳо ва мункарот..- ниёз аст робитаи ӯ бо Қуръон аз сари нав пойдору устувор гардад ва чунин барномарезӣ шавад, ки Қуръон дастӯри зиндагии ӯ ва барномаи даъвати ҷаҳонии ӯ гардад. Барои расидан ба ҳадаф лозим аст Қуръонро появу асос ва бунёд қарор дод, то дар уммат ба шакли умумӣ фаҳми дурусти Қуръон пайдо шавад. Ғолибан ин ҳама эҳсосе буд, ки Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ (р) ро бар он дошт, то бо як ҳаракат ва ҷаҳиши инқилобӣ тарҷумаи форсии Қуръони Каримро пешкаш намояд, он тарҷумае, ки дар ниҳояти ҷиҳати чархиши зиндагии мусалмонон дар Шибҳи Қораи Ҳиндро тағйир дод.

Шоҳ Валиюллоҳ дар канори мустаҳкам кардани робитаи инсон бо Қуръон, тасаввури ҷоме ва шомиле аз зиндагӣ дар партави Қуръони Каримро дар китобаш “Ҳуҷҷатуллоҳил-болиға” ба тасвир кашид. Ин шоҳкори арзандаи ӯ дар ҳақиқат ганҷинае аз Аҳодиси Набавист, ки дар партави тобиши ҳикмату андарзҳои қуръонӣ тамоми ҷавониби фикру андеша ва талош ва

фаолият ва адои исломиро яксон мади назар қарор дода, ба мусалмонон арза медорад.

Нигоранда ба унвони донишомӯзи ночиз дар мадрасаи таърих бар ин бовар аст, ки ҳамон мақому манзалат ва ҷойгоҳи инқилобӣ ва ҳикмату дониш ва таҷдидгарой, ки Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ бо тарҷумаи форсии Қуръони Карим ва китоби "Ҳуҷҷатуллоҳил-болиға" дорост, каму беш аз он ҳаракати ислоҳӣ ва ҳикмати амали Мавлоно Мавдудӣ дар "Тафҳимул-Қуръон" аст.

Ӯ шева ва равиши навин дар тарҷумаи Қуръони Карим барои худ ихтиёр кардааст ва даъвати Қуръонро ба василаи худи Қуръон баён намудааст, аз ин бобат ба ҷуръат метавон гуфт: "Тафҳимул-Қуръон" танҳо самараи ҷуҳду талош ва сармояи зиндагии Мавлоно Мавдудӣ нест, балки барномаест барои бозсозии ҳол ва ояндаи уммати исломӣ ва тақдими чеҳраи навин ва дурахшон аз он..

"Тафҳимул-Қуръон" робитаи бисёр амиқ бо ҳаракати исломӣ низ дорад. Ҷаноби Мавлоно Мавдудӣ дар соли 1938 поя ва асоси гуруҳ ва ҷамоату танзимеро рехт, то андешаи инқилоби исломӣ дар рагу решаи онҳо ҷараён дошта бошад ва руҳу равони онҳо бо кору фаъолият дар ин росто омехта гардад.

Ман бар ин боварам, ки Мавлоно Мавдудӣ дар замоне, ки ҳаракати Дорул-Ислом[2]ро идора мекард, ба шиддат эҳсос кард, ки гуруҳу ҷамоатеро бояд бо барномаи Қуръони Пок тарбият намуд ва аз он рӯз худро барои чунин масъулияте омода сохт.

---

[2] : Ниго: Дарахтони Соядор, сафҳаи 33-40

Аз он  рӯз ӯ зеҳну андешаи худро бар “Тафҳимул-Қуръон” машғул дошт ва ин чунин буд, ки кори фикрии ин шоҳкори арзанда оғоз гашт.

Ва аз аввалин рӯзе, ки ин ҷамоат ё гуруҳ шуру ба муназзам шудан намуд, дарси Қуръон оғоз гашт ва ин ҳамон дарси қуръонист, ки дар феврали соли 1942 ба шакли “Тафҳимул-Қуръон” дар майдони илму дониш чашм ба ҷаҳон гушуд.. ва бадин сурат ин дарс танҳо дар даҳлезҳои афроди хоси ҷамоат ва рафиқону ёрон ва ҳамкорони ҳаракати исломӣ маҳсур намонд, балки дар ихтиёри ҳамаи уммат қарор гирифт ва суфраи илму маърифатро дар ҳама чо пурбор намуд.

Агар дар он чӣ рафт бо диққат бингарем аҳамияти таърихии “Тафҳимул-Қуръон” бароямон ба равшанӣ возеҳ мегардад. Ин ҳамон китобест, ки дар як марҳалаи бисёр дӯшвор ва буҳронӣ аз зиндагии мусалмонон зери парчами Қуръон инқилоби сокиту хомӯш барпо намуд.. ин чунбишу ҳаракати инқилобӣ ҳамчунон побарҷост.

## Ду вижагии бунёдии Тафҳимул-Қуръон

Бидуни шак хидмате, ки Тафҳимул-Қуръон анҷом дод ва нақше, ки ҳанӯз ҳам бар ӯҳда дорад, бисёр ҳаётӣ ва бузургу таърихист. На танҳо аз ин нуқта назар, балки ҳатто аз нуқтазари илмӣ ва пажуҳишӣ низ ҷойгоҳи "Тафҳимул-Қуръон" бисёр волост. Ин аз ҷумлаи китобҳоест, ки қарнҳо зинда мемонанд, китобҳое, ки танҳо ҷузъе аз баданаи таърих нестанд, балки таърихсозанд.

Дар ин ҷо ба бархе аз вижагиҳое, ки дар "Тафҳимул-Қуръон" намоён аст, ба сурати бисёр гузаро ишора мекунем.

Пеш аз ҳар чиз ба ду вижагии асосӣ, ки мизоҷу услуб ва шева, андоз ва баён, тафсиру тавзеҳ, мавзуот ва баҳсҳо, адаб, ҳадаф ва тамоми каёни "Тафҳимул-Қуръон"ро мутаассир карда ва дар ҳақиқат рангу оҳанги ин китоби таърихиро муайян намуда, тору пуди онро ташкил медиҳадро зикр мекунам.

Аввалин сухани бунёдӣ инаст, ки нуқтаназар ва дидгоҳе, ки "Тафҳимул-Қуръон" аз равзанаи Қуръон о нро мавриди мутолиа қарор додаа инаст, ки ин китоб барнома ва дастури ҳидояту растагорӣ аст. Қуръони Карим ба унвони китоби ҳидояту растагорӣ мехоҳад дар ҳар фард ва дар тамоми уммат руҳияи фикру андеша ва мутолиа ва дарку шуурро ба сурати зинда ва муҳаррик фаъол созад.

Оғози ин табдил ва дигаргуниро дар сохтори шахсияти навини қалб ва дарки ҳувият ва сароғози андеша ва тафаккур қарор медиҳад. Дар канори тағйир зовияи дид ва наҳви нигариш

ин китоби ҳидоят ва растагорӣ барномаи мутакомил барои зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ ба башарият арза медорад. Тасаввури возеҳу равшан аз сироти мустақим ва роҳи ростро ҷилави дидагони инсон қарор медиҳад ва дар ҳар замина аз зиндагӣ усулу завобити умумӣ ва дар муҳимтарин гӯшаҳо ва ҷавониби он роҳнамоиҳои тафсилии мавриди ниёзе, ки ба дастуру қонун, қазо ва қадар, усулу завобит, одобу эҳсосот ва авотиф, кайфиёту муҳаррикоти амал вобастаандро тақдим медорад. Ин роҳнамоиҳо танҳо дар доираи ахлоқ маҳдуд намешавад, балки тамоми шуъбаҳои зиндагиро дарбар мегирад: чӣ зиндагии фардӣ бошад ё зидагии иҷтимоӣ, чӣ ба қазоёи сиёсӣ рабт дошта бошад ё ба равобити иҷтимоӣ, чӣ ҷавониби адолату густардагиро дарбар гирад ё тиҷорату бозаргониро, чӣ марбут ба зиндагии хонаводагӣ бошад ё ки тамаддуни башарӣ, чӣ ба масоил ва равобити қавмӣ ва миллӣ рабт дошта бошад, ё ба равобити майналмилалӣ.

Бадин сурат ин китоби ҳидоят- Каломуллоҳи Маҷид- тамоми тағйир ва таҳаввулот ва ҷазру мадҳои замонаро мадди назар қарор дода, зобит ва барномаи зиндагии комиле фароҳам намудааст.

Инсон танҳо вақте, ки тасаввури куллии зиндагӣ дар дидгони ӯ равшану возеҳ буда, дар пайи ин бошад, ки масири рӯдхонаи зиндагиро ба таври куллӣ ба сӯи Қуръон тағйири ҷиҳат диҳад, метавонад ин китобро ба дурустӣ бифаҳмад ва ба авомиру дастуроти он ҷомаи амал бипӯшонад.

Албатта ин тарв нест, ки пеш аз "Тафҳим" касе ин суханро нагуфта бошад, дар ҳақиқат тасаввури китоби ҳидоят будани Қуръони Карим дар ҳар тафсирест ва ҳамчунин барномаи

шумули зиндагӣ дар сояи Қуръон дар қадим буда ва дар давраи ҷадид низ чанд тафсир аввалин аҳамиятро бадон малҳуз доштаанд. Ба унвони намуна метавон аз тафсири “Алманор”и Рашид Ризо ва Тарҷумонул-Қуръони” Мавлоно Озод ном бурд. (Мутаъассифона ҳар ду тафсири номбурда комил нашудаанд). Албатта он чӣ қобили таваҷҷуҳ аст, инаст, ки ба таври умум нуқтазарҳои танг ва эҳтимом ба бархе вижагиҳо он чунон бар ин майдон чира гашта буд, ки нақшаи равшан ва барномаи шомилу дақиқ аз низоми зиндагӣ ташкил наёфтааст!

Тафсирҳои каломӣ баҳсҳо ва мунозараҳои ақидатиро матраҳ сохта, тафсирҳои ахборӣ фазоро бо ривоёти исроилӣ абролӯд намуда, тафсирҳои луғавӣ ва адабӣ ба таври умум он чунон ғарқи баҳс дар зебоии шеваи баёну муъҷизаҳои адабӣ шуда, ки ба ҷои пардохтан ба мафҳуму маъно ва муроди оёти Қуръон, бештарин таваҷҷуҳ ба алфозу калимот дода шудааст. Дар ҷонибе тафсирҳои фиқҳӣ ҷузъёт ва ихтилофоти мазҳабӣ он чунон маҳварият ёфтаанд, ки гулу ғунча пеши чашмон намоён шуд, вале дидагон аз дидани боғ маҳрум монданд. Тафсирҳои орифона он чунон ба ҷавониби рӯҳонӣ ва тазкияву покии нафс ва зебонамоии эҳсосоту ҷазабот фуру рафт, ки тасаввури низоми зиндагӣ ва барномаи ибтидоии он дар пушти саҳна нопайдо монда, навъи тақаддусмаобии динӣ ва раҳбонияти юнонӣ рӯнамо шуд. Бархе аз тафсирҳои шумулӣ ва ҷомеъ ҳама ин ҷавонибро ҷамъ кардаанд, аммо хонанда дар анбуҳи ин танаввуъу рангорангӣ ва шулуғе ба сахтӣ метавонад таваҷҷуҳи худро ба хадду холи асосии барномаи зиндагӣ маркуз дорад. Гӯё амалан дар тафсирҳо ҳама он чӣ, ки метавонад нақшу нигори барномаи дуруси зиндагиро возеҳу равшан кунад, вуҷуд дорад, вале ҳамаи ин чизҳо он чунон ба ҳам омехта ва дарҳаму барҳам

шуда, ки барои ҷудо кардани онҳо аз якдигар ниёз аст инсон заргару тилосози моҳир бошад. Тафҳимул-Қуръон барои донишмандону олимон  ва ҳамчунин барои омаи мардум ин хидматро анҷом додааст.

Сухани дуввум дар мушаххас кардани вижагии дигари "Тафҳимул-Қуръон инаст, ки Қуръони Пок танҳо як китоб, китоби илҳомӣ, як китоби таърихӣ ё як китоби бузург нест, балки шиносаи асосии он инаст, ки ин ҳидоятест ҷовидона аз сӯи Парвардигор ва Офарандаи ҷаҳониён фиристода шуда,  то ба сӯи рисолату даъвати вижа мардумро бихонад ва ҷидду ҷаҳд ва инқилоберо барпо кунад. Ин китоб даъвату ҷунбиш ва ҳаракат аст.. Қуръон парчамдори паёмӣ ва раҳбару доии як даъвату ҷунбиш ва ҳаракатест. Вазифаи коштани як назария ва сохтани уммат ва миллатеро бар ӯҳда дорад, то онро ба сӯи барпоии ҳадафу барномаи вижа ба ҳаракат дароварад. Барои ин даъват ва ин талошу кӯшиш ва ҳаракат ҷиҳатёбӣ мекунад, ҳадафу ормон, усул ва муқарраррот, дастуруламал ва қонуну барнома фароҳам мекунад. Нақша ва шеваи зиндагии фардӣ ва иҷтимоии инсонҳое дар ҳоли кору фаъолиятро мушаххас мекунад.

Вижагиҳо ва сифот, ҳаракату нерӯ, ҷазоботу эҳсосоти лозим барои анҷоми ин корро ба вуҷуд меоварад. Ин китоб дар зиндагии фард ва дар зиндагии ҷомеа ва дар ниҳоят дар тамоми ҷаҳон кашмакашу тағйиротеро ба вуҷуд меоварад.. кашмакаш дар миёни ҳаққу ботил, то низому барномаи зиндагӣ бар асоси адолату ҳақ ҷорӣ гардад ва дар ниҳоят ботил таслим шуда, силоҳ бар замин ниҳад.

Ин китоб тасаввуру дидгоҳҳои вижа аз коиноту инсон ва зиндагӣ тақдим мекунад. Афроде, ки ин дидгоҳ ва тасаввури

ҳаётро бипазиранд, зиндагии онҳоро бар асоси нақшаи хос ислоҳ мекунад ва бо касоне, ки ӯро қабул надоранд, барномаи дарозмуддат аз ҷуҳду талош ва даъвату таблиғ ва мунозараро дар пеш мегирад. Ин тасаввур, ки Қуръон китоби даъват аст, шоҳи калидест, ки тамоми мушкилоту норасоиҳоро аз сари роҳи дарку фаҳми Қуръон бартараф мекунад. Пас аз он услубу шеваи Қуръон, роҳу расми истидлоли он, назми он, адаби он, ихтилофу танаввуъи мавзуоти он, такрори маъонӣ ва афкор дар он, омӯзаҳои ахлоқии он, дастуруламалҳои қонунии он, панду андарзҳои таърихии он, хулоса ҳамаи суханони он қобили фаҳму дарк хоҳанд буд ва дар корзори зиндагӣ чароғе бар фарози роҳ мегардад.

Шахсе, ки талош дорад Қуръонро аз ин дидгоҳ бифаҳмад ва саъй дорад дар рушноии дастуруламалҳои қуръонӣ зидагии худ ва соири инсонҳоро тағйир диҳад, оёти Қуръон барои ӯ оёте, ки дар дар китобе нигошта шудаанд, намемонанд, балки оёте аз зиндагӣ мегардонад ва ӯ эҳсос мекунад, ки дар гоми зиндагӣ ӯро раҳнамоӣ мекунад, чун падари дилсӯз ангуши дасташро ба даст гирифта ӯро ба пеш мебарад, Иқбол ҳуввият ва шахсияти мӯминро аз ин нуқтаназар чунин баён доштааст:

...дар зоҳир қорист, ки Қуръон тиловат мекунад ва дар ҳақиқат ӯст худ Қуръон!

Аллома Иқбол дар ҷое аз навиштаҳояш мефармояд: “Қуръонро чунон бихон, ки гӯё бар қалбат нозил мешавад”. Инчунин Қуръон сарчашмаи маърифати илоҳӣ, манбаи даъвати исломӣ, қонуни асосии ҷунбиши исломӣ, асосномаи инқилоби исломӣ мегардад ва масири руди хурушони зиндагиро бар сӯи саодат ва некбахтӣ савқ медиҳад.

Тафҳимул-Қуръон нигоҳҳоро ба ин барномаи инқилобии Қуръон мутаваҷеҳ месозад. Ин низ ҳарфи ҷадид ё иктишофи аҷибе нест, ки Мавлоно Мавдудӣ барои аввалин бор ихтиро карда бошад ва ё пешиниён ва ё мутаахирин дар тафсирҳо ва соири навиштаҳои баён надошта бошанд. Он чӣ дар Тафҳимул-Қуръон  намоён аст, инаст, ки дар мутолиаи саросари Қурън ин нуқтаназар ғолиб аст ва дар ҳеҷ ҷойгоҳи асосӣ ва усулӣ ва ё фаръӣ ва ҷузъӣ аз нигоҳҳо пинҳон намемонад.  Тафсир дар байни хонандана ва ҳадафи Қуръон аз омаданаш пардае намегузорад, балки  тамоми пардаҳо  ва садҳоро аз сари роҳ барчида, ба пеш меравад, то ҷону дил ва руҳу равон ҳар лаҳза ба ин ҳадафу ормон мутаваҷҷеҳ мебошанд.

Аз ин ҷиҳат Тафҳимул-Қуръон он чӣ дар шаъни нузули оёти қуръонӣ марбут мешавадро ба шеваи хоси худ матраҳ сохтааст. Нависандаи Тафҳимул-Қуръон талош намуда пеши хонандааш мавқеият ва ҳолатеро, ки бар ҷомеаи он замон: дар замони нузули сураи муайян ё оёту ҷузъе аз сура ҳоким бударо зинда кунад ва тасвири гӯё ва қобили ламс аз онро пеши чашмони ӯ қарор диҳад, то ӯ ба хубӣ эҳсос кунад даъвати исломӣ ва ҷунбиши ислоҳӣ дар он барҳа аз замон чӣ ҳолате дошта, барои ҳалли чӣ масоиле талош мекарда, чӣ имконоту расоиле дар ихтиёр дошта ва бо чӣ мушкилоте дасту парҷа нарм мекарда. Ин авъзоу шохисаҳои зиндаи қуръонӣ чӣ роҳнамоҳое барои ҳар барҳа аз замон метавонанд дошта бошанд ва барои замони мо аз чӣ аҳамият ва муносибате бархурдоранд.

Тафҳимул-Қуръон танҳо тасвиру шеваи зиндагии қуръониро шарҳ ва баст намекунад, балки бар сафаҳоти он таърихи Паёмбарон ва ба хусус таъриъхи даъвату  рисолати

Расули Акрам (с) ва таърихи комили ҷунбиши исломӣ, ки зери қиёдату раҳбарӣ ва имомати он Ҳазрат (с) буд, низ ба тасвир кашида шудааст ва ин шоҳкори қобили фахр барои Тафҳимул-Қуръон ба шумор меравад.

Ду вижагии хосе, ки дар бораи фаҳму дарки Қуръон дар боло зикри он рафт, ҳар ду ба услубу равиши навин ва бо отифаву эҳсосоти пуршӯру тоб дар Тафҳимул-Қуръон ба беҳтарин сурат намоён аст. Ва бидуни шак иҷтимои ин ду вижагӣ дар як тафсир бо ин равиши намуна ва зебо, корест бемонанд. Аз ин руст, ки Тафҳимул-Қуръон хуршедест тобон дар каҳкашони адабиёти тафсирии мо, ки бо ривоёту ахбори гузаштагон низ миёнаи бисёр қавӣ дорад ва беҳтарин амину ҳофизи онҳост ва дар айни ҳол дар байни онҳо рангу руи вижаи худро низ дорост. Гӯё дар миёни ҳама аст ва аз ҳама ҷудо!...

Ин ду вижагии Тафҳимул-Қуръон муҳимтарин ва бунёдитарин вижагиҳои он ҳастанд. Аҳмияту ҷойгоҳе, ки ин китоб ба унвони як тафсир дорост, бимонад дар ҷои худ, аз дидгоҳи мо аҳамияти аслӣ ва маконати вижаи он дар равшан намудани он чӣ фаҳму дарк ва кунковиш он дар Қуръон мадди назар аст ва возеҳ кардани мавоꞃидест, ки бар асоси онҳо инсон мебоист бо китоби Парвардигори худ робитаи устувор барқарор кунад. Ин беш аз як тафсири роҳу равиши “Фаҳми Қуръон” ро ба хонанда нишон медиҳад ва баъид нест, ки бино бар ҳамин мавзу Парвардигор ва соҳиби ин каломи осмонӣ дар дили муаллиф нигошта то китоби худро “Тафҳимул-Қуръон” биномад ва ин ҷост, ки мо эҳсос мекунем “Тафҳимул-Қуръон” хонандаро аз хондани тафосири муҳим ва қобили арҷ дар китобхонаи исломӣ бенаёз намекунад, балки ӯро барои расидан ба он

тафсирҳо ва сайру саёҳат дар фазои бекарони онҳо омода месозад.

Дар партави ин тафсир толиби Қуръон басирату рӯшноии хосе меёбад. Пас аз он ӯ ҳамроҳ бо Тафҳим аз тамоми адабиёти тафсирии мо метавонад ба беҳтарин сурат баҳраманд шавад ва аз захира ва мероси гузаштагон низ ба шакли комил беҳтарин истифодаҳоро бибарад.

## Вижагиҳои дигар

Дар ин ҷо ба бархе дигар аз вижагиҳои Тафҳимул-Қуръон ишора мекунем, ки чун шоху барг ва гул аз решаи вижагиҳои бунёдӣ сабз мешаванд.

### 1. Робитаи мустақим

Ин тафсир талош карда то робитаи хонанда- қорӣ- бо Қуръон мустақим ва устувор бидуни восита бошад.

Дебоча, тарҷума ва поварақиҳо абзорҳоест барои барқарории ин робитаи мубошир ва пойдор. Дебочаи мавзуоти сураҳои қуръониро пеши рӯи хонанда қарор медиҳад. Ба василаи тарҷума мафҳуми Қуръон баён мегардад. Дар поварақиҳо ба таври куллӣ шарҳу басти маъно ва мафҳуми оят, фароҳам карданди маълумоти таърихӣ, ишора ба ҷойҳои дигаре аз Қуръон, ки равшангариҳо ва роҳнамоиҳои бештаре роҷеъ ба ин мавзу омада, шарҳу басти омӯзаҳои ахлоқӣ, тамаддунӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, қонунӣ ва равобити байналмилал ва муносибату робитаи он бо масоили рӯзи мо, ҷалби таваҷҷуҳ ба нукот ва барномаҳои муҳими даъват ва иршод ва зудудани шакку шубҳаҳо вагарду хокҳое, ки мухолифин матраҳ месозанд. Умуман ин поварақиҳо бисёр мухтасар, вале ҷоме ва дарбаргирандаанд ва дар ҳар ҷо кайфияти марказӣ ва меҳварии Қуръонро барқарор мекунанд.

Ҳаҷми мабоҳиси ривоёт ва ахбор дар Тафҳим бисёр ночиз аст. Аз ҳикоёт ва қиссаҳои исроилӣ ҳеҷ хабаре нест. Баҳсҳои каломӣ, ки дар рӯзгорони пешин матраҳ буд ва акнун дар зери

хоки замон дафн гашта, низ дар ин тафсир ҷойгоҳе надорад. Баҳсҳои фиқҳӣ низ бисёр маҳдуданд. Талош шуда ба дур аз таъассуботи гуруҳӣ аҳкому қавоиди Қуръон нишон дода шавад ва ин бозтоби ҳамон вижагиҳоест, ки дар боло зикри он рафт.

Дар муқаддимаи Тафҳимул-Қуръон ҳеҷ асаре аз баҳсҳои тақлидии усури тафсир намеёбӣ. Танҳо шаъни нузул матраҳ шуда, он ҳам ба услуб ва шеваи мухталиф. На асаре аз носиху мансух, на аз муҳкаму муташобеҳ ва на аз баҳсҳои тақлидӣ ва такрории эъҷози Қуръон ва на аз мисолҳо ва фаръҳову қиссаҳои қуръонӣ.

Албатта ин бадин маъно  нест, ки ин қазоёро дар Тафҳим намеёбӣ, балки тамоми масоили мавриди ниёз дар ҷои худ баён шудаанд, вале иҷоза дода нашудааст бар нуқтазар ва дидгоҳи бунёдии тафсир чира гарданд, ба ҷо он таваҷҷуҳи аслӣ ба ин такя дошта то мавзуи Қуръон, мафоҳими марказии он ва мақсаду ҳадаф ва ормони он возеҳу равшан гардад, даъвату тасаввури барномаи зиндагии он бар дилу дидагон чира ва ғолиб шавад ва қорӣ бо он “сулуки қуръонӣ” ошно гардад, ки ба василаи он Қуръон мехоҳад инсони намуна ва ҷомеаи навин омода созад.

Ба ҳамин далел аст, ки соҳиби Тафҳимул-Қуръон ба ҷои даргир шудан ба баҳсҳои гуногун, таваҷҷуҳашро бар равшан кардани истилоҳоти асосӣ ва меҳварии Қуръон мабзул дошта, то дидгоҳи асосӣ ислоҳ гардад ва ин ҳолат пеш ояд, ки: ҷон чун дигар шавад ҷаҳон дигар шавад...

## 2. Назми Қуръон

Вижагии дувуми Тафҳим матраҳ сохтани тасаввури ҷадидест аз назми Қуръон. Назми Қуръон ҳамвора дар дарси тафсири мавзуӣ қобили аҳамият будааст. Ба таври куллӣ

муфассирон ба равобити байни сураҳои қуръонӣ пардохтаанд. Чанд тан аз ходимони Қуръон талош кардаанд, робита байни оятҳои Каломуллоҳи Маҷидро низ мушаххас кунанд. Бархи дигар аз аҳли илм саъй доштаанд, ҳар сураро як каёни мустақил тасаввур карда, барои он сутуни фақаротӣ мушаххас намоянд ва оёт бо дарназардоштани ин сутур робитаи мавзуоти сураро равшан сохтаанд. Пажвоки ҳамаи ин қазоё дар Тафҳимул-Қуръон ба назар меояд, вале тасаввури назме, ки беш аз ҳама мавриди таваҷҷуҳи Қуръон қарор гирифта инаст, ки: робитаи ҳар оят ва ҳар сура бо мавзуи Қуръон ва мафоҳими меҳварӣ ва хостаҳову ормонҳои он чист. Инро ба тасвир кашида ки ин китоб дар ҳеҷ ҷое ба андозаи тори мӯе аз мавзу ва ормону мафоҳими марказии худ канор нарафтааст. Аз ибтидои Қуръон то интиҳои он тамоми ин мафоҳими гуногун бо мафҳуми асосӣ ва меҳварии он, чунон ба ҳам дӯхтаанд, ки гӯё донаҳои рангоранг ва кӯчаку бузург ва ҷавоҳиру зумаруд як гарданбанди гаронбаҳоянд..

“Тамоми баёни он дар ниҳояти инсиҷому баробабӣ даври меҳвар- даъват- мечарханд”. (ҷ. 1, с. 20).

Ин корномаи бениҳоят муҳимест барои Тафҳим ва хидматест бас бузург ва шоён дар масири расидан ба “назми Қуръон”. Сайид Мавдудӣ нахоста бо истеъмоли истилоҳоти баёнӣ баҳси худро сангин кунад, вале дар ҳақиқат Тафҳимул-Қуръон аз гӯшае ҷадид аз назми Қуръон парда баркашидааст.

Ӯ талош карда, то робитаи ҳар сура ва мавзуоту оёти онро бо ҳадафу маром ва даъвати Қуръон мушаххаст созад ва ин ҳамон робитаест, ки ба дур аз тадаххули таъвилот ва партавҳои он худ ба худ аз Қуръон буруз мекунад.

Ва ин як ибтикори навинест аз Тафҳимул-Қуръон, ки натанҳо нигоҳҳоро ба нуқтаназари воқеӣ ва дуруст ҷалб намуда, балки талош карда то ин назми Қуръон ва ин робитаро дар ҳар сура ва дар мақоми он мушаххас кунад. Дебочаҳои сураҳо дар Тафҳимул-Қуръон дар ин маврид роҳгушои бузургест ва поварақиҳо низ ҳар гушае аз ин корро мадди назар доштаанд.

## 3. Тарҷумаи Қуръон

Мавриди саввуме, ки таваҷҷуҳро ба худ ҷалб мекунад, тарҷумаи Қуръони Карим дар Тафҳимул-Қуръон аст. Ин тарҷума аз бисёр ҷавониб бемонанд аст.

Ин тарҷума аз тарҷумаи ҳарфӣ каноргирӣ карда, услуби тарҷумаи  равонро ихтиёр намудааст. Албатта вижагии он дар инаст, ки дар ҳеҷ мақоме аз марзи тарҷума таҷовуз накардааст. Аз соири тарҷумаҳои равон ё муҳоварайи низ фарқ дорад. Тарҷумаҳои муҳовараии ҳар оятро ба  тоаври мустақил меҳвар қарор додаанд ва ба тасалсули маъно байни оёт ҳеҷ гуна таваҷҷуҳе надоштаанд, то ҷое, ки нигоранда дар ҷараён аст Тафҳим аввалин талошест, ки саъй дошта тарҷумаи мусалсал ва равон ба ҳам духта бошад ва танҳо бо хондани тарҷума дар хонандаи он таъсире ба вуҷуд ояд, ки ҳадафи Қуръон аст.

Шохистарин вижагии тарҷумаи Тафҳим дар ин аст, ки забони гӯёиши Қуръонро ба забони навишторӣ баргардондааст ва бадин сурат на танҳо ҳаққи тарҷума ба ҷо овардааст, балки равиши ҷадид дар фаҳми Қуръон ба вуҷуд оварда ва роҳи ҷадид пеши рӯи ояндагон гузоштааст.

Мавлоно Мавдудӣ дар асной табдил кардани тарҷумаи Тафҳимул-Қуръон аз шеваи гӯёише ё хитобӣ ба услуби навишторӣ ё таҳрирӣ, бо дарназар гирифтани ниёзҳои маъно ва

мафҳуми тарҷумаро параграфбандӣ кардааст. Бадин сурат на танҳо силсилаи сухан ба ҷои  худ маҳфуз шуда, балки нишон дода шуда чӣ гуна сухан аз як мавзу ба мавзуи дигаре мунтақил мешавад. Ин параграфбандӣ дар тарҷума як кори таърихии бузург ва як иқдоми инқилобист.

Ба кумаки он фаҳму дарки матолиби қуръонӣ осон мегардад. Вазифаеро, ки муксу сукути кӯтоҳ, нафас гирифтан, тағйири набраи садо ва лаҳҷаи гуфтор дар сухани гӯёишӣ анҷом медиҳад, дар шеваи навишторӣ метавон бо кӯмак гирифтан аз пронтезҳои баёнӣ ва параграфбандӣ адо намуд. Ин кор барои аввалин бор дар Тафҳимул-Қуръон сурат гирифтааст. Ғолибан пеш аз Тафҳим дар ҳеҷ забоне дар ҷаҳон чунин хидмате сурат нагирифтааст.

Аз ин рӯ метавон инро аз аввалин ибтикороти Тафҳимул-Қуръон ба шумор оварда, ки дар он куи сабқатро аз ҳама рабудааст.

### 4. Дебочаи сура

Дебочаҳои сураҳои Қуръон низ аз ибтикороти Тафҳимул-Қуръон ба шумо меоянд. Дар канори баёни пасманзари таърихии ҳар сура, мавзуот ва мафоҳими раисии  он таъйин шудааст ва ҳамчунин робита ва инсиҷоми он маъонии раисӣ ва мавзуоти сура бо ормонҳои умумии Қуръони Карим ва мафоҳими аслӣ ва меҳварии он ва даъвату паёми он баён гаштааст. Ба таври умум дар бораи асбоби нузул баҳсҳои бисёр пурбаҳое анҷом шуда ва нукоти бисёр латиф ва зиракона бо услуби шево баён гаштааст. Мо касеро суроғ надорем, ки пеш аз ин бо таваҷҷуҳ ба гувоҳиҳои равшану далоили гуногуни дохилӣ ва хориҷӣ ба кӯмаки дебочаҳои сураҳои қуръонӣ матолиби

Қуръонро ин чунин ба ҳам пайваста ва занҷирвор мураттаб карда бошад ва ин хидмати арзандаро дар тамоми Қуръон ба ҷо овардааст.

### 5. Аҳкоми Қуръон

Яке дигар аз вижагиҳои Тафҳимул-Қуръон баёни аҳкоми фиқҳист. Талош шуда то ҳар ҳукме, ки аз оёте истинбот мешавад, дар ҳамон ҷо баён гардад ва дар канори он ба ҳамаи оёт ва мақомоте, ки ба он аҳком ба гӯнае рабт пайдо мекунад ва ин силсила аз аҳком дар онҷо ёфт мешавад, ишора гардад.

Тафҳимул-Қуръон кӯшиш карда бо ин равиш Қуръонро аз забони худи Қуръон тафсир кунад.

Ҳамчунин таваҷҷуҳи хосе, ки дар ҳар мавзуе бо таваҷҷуҳ ба маҷмуи омӯзаҳои Қуръони Пок ва низоми ахлоқӣ ва тададдунии он дастурот ва авомиру аҳкоми қуръонӣ равшану возеҳ гарданд ва дар нақшаи кулии зиндагӣ ҷойгоҳҳо мушаххас шавад.

Сипас Тафҳимул-Қуръон талош намуда тафсиру шарҳ ва басти Паёмбари Акрам (с) ё шогирдони он Мақоми воло (р), ки дар бораи оят ё ҳукме аз Қуръони Карим омадааст, баён кунад. Ва чунон чӣ дар байни Саҳоба ва шогирдони Паёмбари Акрам (с) ё дар байни уламои пас аз онҳо ихтилофи назаре дар фаҳми оят ё баёни ҳукм буда, онро возеҳ намуда ба асбобу далоиле, ки боиси ихтилофи бардоштҳо шуда, ишора кардааст. Ба таври куллӣ дар шарҳу басти аҳкоми фиқҳӣ ба баёни орои мадрасаи ҳанафӣ бештарин таваҷҷуҳро мабзул дошта, албатта нуқтаназарҳои соири мазоҳиби фиқҳиро низ баён доштааст. Аз ин бобат Тафҳимул-Қуръон дар пажуҳишҳои тақобулӣ байни мазоҳиби фиқҳӣ талоши муфиде тақдим доштааст, ки барои пажуҳишгарон ва аҳли илм дар оянда кӯмаки бисёр гаронбаҳо ва

арҷманде метавонад бошад ва ба сурати умум метавонад роҳкорҳои таъовун ва густаришро дар байни уммат боз кунад.

### 6. Пажуҳишҳои тақобулии адён

Тафҳимул-Қуръон матолиби тақобулӣ дар бораи яҳудиён-калимиҳо- ва масиҳиён ва Қуръон тақдим доштааст. Дар ин пажуҳиш рангу бӯи манозараро намебинӣ. Дар он аз як сӯ кӯшиш шуда то ба эътирозоту шубҳаҳое, ки аз сӯи нависандагони масеҳӣ ва шарқшиносони ғарбӣ дар бораи Қуръон матраҳ шуда, ҷавобҳои муфассал ва шофӣ додо шавад ва аз сӯи дигар фарқ байни услуби Қуръон ва шеваи Инҷилу Тавроти мавҷудро возеҳ гардонад, то фарқ байни ваҳйи холис ва ваҳйи таҳрифшуда пеши дидагони ҳама равшан гардад.

Мавлоно Мавдудӣ Қуръонро асосу пояи далел ва бурҳони худ қарор дода, шева ва равиши адёни дигар дар бораи мавзуи зери баҳсро зери зарабини нақду баррасӣ қарор медиҳад ва фарқ байни ду дидгоҳро мушаххас мекунад. Ӯ барои таъйиди гуфтаҳои худ ба пажуҳишҳои таърихӣ ва ҷадидтарин мутолиот дар Библия- Инҷил ва Таврот- ва тозатарин таҳқиқоту иктишофот дар соири маёдини илмӣ истинод меварзад. Ба ҳамин сурат ӯ ҷадидтарин назарияҳову андешаҳо ва ҷунбишҳоро мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор медиҳад ва афродеро, ки бо таъсирпазирӣ аз ин назарияҳо ва андешаҳои навин талош доштаанд Қуръонро ба шеваи ғалате таъбиру тафсир кунанд, бозхост мекунад.

Дар тафсири ӯ мабоҳиси бешуморе аз зистшиносӣ, ҳайвоншиносӣ, ситорашиносӣ, инсоншиносӣ, равоншиносӣ ва фалсафаву мантиқ, таъриху тақобули адён мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ӯ аз ҳамаи ин маёдин истифода

мекунад, вале дар ҳама маворид Қуръонро ба унвони довару ҳаками худ қарор медиҳад ва ин маёдини илмӣ ҳаргиз ва дар ҳеҷ мавриде наметавонанд ӯро аз масираш дӯр ё мунҳариф созанд. Тафҳимул-Қуръон аз ин маврид ба унвони як равиши иҷтиҳодии ҷадид дар пажуҳишҳо ва барасиҳои тақобулӣ байни адён ва назариёти андешаҳои мухталиф истифода мекунад ва бадин сурат поя ва асоси ҷадид дар ин майдон ибтикор кардааст. Ин мавриди тафсири ӯро тафсири навин қарор дода, ки ба сурати бисёр густардае аз масоили рӯз ва маёдини илмии ҷадид баҳрабардорӣ мекунад, вале ҳаргиз шиорҳои барроқи замона ва андешаву ҳаёлоти матраҳи рӯзгор бар ӯ мусаллат намегарданд. Дар ин маврид шева ва равиши ӯ чунин аст:

Ба ранги дарё, соҳил ошно гашта.. бар лаби соҳил доманатро боло бигир

### 7. Навгароӣ

Аз он чӣ дар боло рафт, ҳафтумин хусусияти Тафҳим пеши рӯи мо намоёнгар мешавад.. ва он чизе нест ҷуз миёнаравӣ дар навгароӣ ва барпоӣ ва истеҳкоми ривояти зиндагӣ, бахше, ки дар нуқтаи васати байни қадомат ва куҳнапарастӣ ва таҷдиду навгароӣ қарор дорад.

Ӯ дар муқобили ин дидгоҳи тақлидӣ, ки ба сурати амалӣ дини Худоро дар чаҳорчуби зиндагии фардӣ ва масҷиду хона зиндонӣ карда буд, шӯрид ва ҳамчунин дар баробари ин навгароӣ, ки бо пушиши зоҳирии Ислом талош дошт ҳамаи асолибу равишҳо ва андешаву назарияҳои ҷадиди рӯзро ба зӯр шомили дин гардонад, талоше, ки Қуръонро бозичаи бачаҳо қарор дода буд, ба ҷиҳод пардохт.

Соҳиби Тафҳимул-Қуръон ниёзҳои замонаи худро ба хубӣ дарёфта буд, албатта ӯ ба ин беморӣ ва суифаҳм мубтало набуд, ки –паноҳ ба Аллоҳ- Офаридгори осмону замин иштибоҳан дар китобаш чунину чунон оварда, ки имрӯза бояд маънои онро ба сурати дигар тасҳеҳ кунем! Мавлоно Мавдудӣ он навандешонеро, ки ақлҳои беморашон чунин тасаввуроте таршеҳ карда буд, ба шиддат муҳосаба намуда, талош дошт то Қуръонро он чуноне, ки ҳаст баён дорад. Ӯ саъй карда то ин шуру шавқ ва эҳсосро дар афрод бедор  намояд, ки ниёз ба ин нест, ки Қуръонро тағйир диҳем, балки бояд худро тағйир дода, рангу буи қуръонӣ бигирем.

Ин симои равшани таҷдидгароӣ ва навандешии исломист, ки аз замони нубувати Паёмбари Акрам (с) оғоз шуда, то ба имрӯз равшанфикор ва поксириштони уммат онро барномаи худ қарор додаанд ва Тафҳим талош дошта дар масири он гом ниҳад, онро ба сурати возеҳтару равшантар тақдим дорад.

### 8. Илми каломи навин

Яке дигаре аз хусусиёти Тафҳимул-Қуръон инаст, ки илми каломи навинро бунёнгузорӣ кардааст.

Ҳар даврае аз замонро қазоё ва масоили хоси худ аст, ки бо замонҳои дигар фарқ дорад. Ҳар барҳае аз замон сатҳи илмии худашро дорост ва улуму донишҳое, ки дар замонҳои мухталиф ривоҷ пайдо мекунад ва ба ақлҳо чира мегардад, низ гуногунанд.

Талошҳое, ки барои ҷавоб додан ва бозхости пурсишҳои ҳайроне, ки рӯҳониёни масеҳӣ матраҳ мекарданд ва ё суханҳое, ки аз мадрасаи Сер Саид Аҳадхон[3] тарашуҳ мешуд, дар назди мо

---

[3]: Сер Саид Аҳмадхон (1817-1897) муассиси донишгоҳи Алигари Ҳинд ва аз шохистарин номҳои ислоҳгарии қарни 19и милодӣ аст. Дар таълифоти мутаъаддиди худ талош дошта,

сурат гирифт, вале инро низ бояд қабул дошт, ки ин талошҳо истеъмори фикрии Ғарбро, ки сарчашмаи чунин эътирозот ва шубуҳоте буд, ҳадаф қарор намедод.

Агар дар замони ҳуҷуми фикрии Юнон ва қад алам кардани андешаҳои фалсафӣ ва эътизолӣ барои посӯх додан ба онҳо ниёз ба илми каломи ҷадид эҳсос шуда буд, имрӯз, ки сояи улуму фунуни Ғарб бар ҳама ҷо чира шуда, фарҳанги он ҷомеаҳои моро ба шиддат таҳдид мекунад, ниёз бадон бисёр шадидтар аст.

Аллома Шиблӣ Нуъмонӣ  ва Мавлоно Абдулкалом Озод дар ин майдон кӯшишҳои арзандае тақдим доштанд, вале талошҳои онҳо аз мароҳили ибтидоии худ пештар нарафт. Алломи Иқбол низ талошҳои бисёр гаронбаҳо ва пурборе анҷом доданд ва хати маши асосӣ барои муқобила бо тафаккурҳои ҷадидро равшан соханд. Албатта дар ин миён намунаи амиқ ва тафсилии илми каломи навинро танҳо дар навиштаҳои Мавлоно Мавдудӣ метавон ёфт.

Аз ин нуқтаназар: Танқиҳот, Ҳиҷоб, Рибо, Ислом ва таҳдиди насл, Тафҳимот, Таълимот, Ҷойгоҳи қонунии суннат, аз ҷумлаи китобҳои бисёр арзанда ва гаробаҳои Мавлоно Мавдудӣ ба шумо меоянд. Бо ин вуҷуд шоҳкори ишон, ки дар он илми калом ба  хубӣ таҷаллӣ мекунад, “Тафҳимул-Қуръон” аст.

Албатта Тафҳим ба танҳои шохисаи комили илми калом нест, балки дар оянда яке аз масодири умдаи он ба шумо хоҳад

---

ӯ бар бархе аз шубуҳоти муғризонаи шарқшиносон ҷавоб диҳад. Ӯ чун бисёр аз уламои ин давра аз пешрафти текноложи Ғарб мунбаҳир шуда, дӯчори эҳсоси бахудкамтарбинӣ шуда буд. Дар навиштаҳояш талош мекунад, ҳар он чӣ аз Ислом, ки бо ақлу мантиқи кӯтоҳ ва торики Ғарб созгор нест, ба гунае таъвил- ва ё ба забони омиёна мостмолӣ- кунад. Ӯ даъво мекунад ваҳйи илоҳӣ ба сурати маъонии куллӣ бар қалби Паёмбари Худо (с) нозил мешуд ва таъбири қуръонӣ аз худи Паёмбар аст. Ва ҳамчунин гардани оёти марбут ба “Ҷин”ро тавре кач мекунад, то вуҷуди ҳақиқии Ҷинро инкор намояд. (Мутарҷим)

омад. То кунун касе усулу қавоиди илми каломи ҷадидро дар як ҷо ҷамъу мураттаб накардааст, албатта ин кориояндагон аст, ки онро истихроҷ кунанд.

Агар дар ин бора талоши ибтидоӣ бихоҳад сурат гирад, дар як нигоҳ ҳарфҳои асосӣ ва бунёдии илми каломи "Тафҳимул-Қуръон"чунин ба назар меояд:

**А)** Далел аз маҷмуи омӯзаҳои қуръонӣ баргирифта мешавад.

Аз буридани як як оятҳои Қуръон ва ҷудо кардани онҳо аз матну сиёқаш баргирифта намешавад ва мафҳуми воқеии як ояти қуръонӣ бо дарназар нагирифтани оёти дигар аз Қуръон, ки бадон мавзу пардохтааст, бадаст намеояд ва ҳамчунин ҳар масъала ва мабҳасеро танҳо дар сурате метавонем ба дурустӣ дарк кунем, ки ҷойгоҳеро, ки Қуръон барои он таъйин намударо дар нақшаи комили зиндагӣ мушаххас кунем. (Бадин сурат ин илми калом роҳнамои шумулӣ ва комили Қуръонро асос ва бунёд қарор додааст ва инро низ собит карда, ки он чӣ аз иштибоҳот ва каҷфаҳмиҳо ва тафсирҳои нодуруст ва таъбирҳои берабте, ки имрӯз роиҷ шуда, дар ваҳлаи аввал бармегардад ба ин, ки ба ҷои таваҷҷуҳи комил ба каёни Қуръон ва тасаввури шумулӣ аз омӯзаҳо ва таълимоти он ва тасвири мантиқӣ ва амалии он (яъне суннати Паёмбари Акрам (с)) бархе ба пораҳое аз он, ки аз матну сиёқаш буридаанд, худро машғул доштаанд).

**Б)** Дар тартиби чаҳорчуби ин илми калом бояд таваҷҷуҳ шавад, ки беморихои асосии мусалмонон дар асри ҷадид иборатанд аз:

Ҷаҳолату нодонӣ, ваҳшат аз афкору андешаҳо ва назарияҳои ҷадид, таноқуз ва дугонагӣ ва як гурӯҳи махсусе, ки огоҳона ва дар рӯзи равшан ба дин хиёнат мекунанд. Барои

муқобила бо ин бухрон бояд аз як сӯ омӯзаҳо ва таълимоти Ислом ба сурати бисёр содда ва омафаҳм баён шавад, то ҷаҳолату нодонӣ дар бораи дин бартараф гардад. Ба асос ва бунёди афкору андешаҳои ҷаҳони ғарб ва муҳимтарин назарияҳо ва ҷунбишҳои он ба шиддат ҳамла шавад, бо тақду баррасии шомил ва дақиқ равшан гардад, ки чӣ чизе аз он дуруст аст ва боиси хайру саодат мегардад ва чӣ чизҳое нодуруст ва боиси фасоду вайронӣ. Ин ҳуҷум мавоқифи ахлоқии Ғарб (империализм ва зулму ситам бар миллатҳо) ва низоми фикрӣ ва барномаҳои тамаддунӣ ва низоми иҷтимоӣ ва ҷунбишҳои сиёсӣ ва ахлоқи иҷтимоии онро бояд дар тирраси худ қарор диҳад. Бадин сурат тилисм ва ҷодуи ваҳшат дарҳам мешиканад ва худкамтарбинӣ ва эҳсос ба хорӣ аз ҷомеаи мо дӯр мешавад ва бар фарҳанг ва тамаддуни худ эътимод бар нафс пайдо мегардад.

Сипас таноқуз ва дугонагӣ ба сурати хосе мавриди ҳуҷум қарор гирад, то касе, ки мехоҳад дар сояи Ислом зиндагӣ кунад, мусалмони комил шавад ва касе, ки шефтаи низомҳои дигарест ва мехоҳад аз онҳо ҳимоят кунад, ҳеҷ ниқобе аз макру ҳила ё каҷфаҳмӣ бар чеҳрааш боқӣ намонад.

Бадин васила онҳое, ки ханҷар ба даст гирифта ба сароҳат ба дин хиёнат мекунанд, нодонӣ ва ҳақорату ҳамоқат ва фасоди ахлоқиашон ба равшанӣ барамало шавад ва бо рангу рӯи воқеии худ назди ҳама шинохта шаванд. (Ин нақду баррасиҳо ва кушишҳои илмӣ аз як сӯ заъфҳо ва нотавониҳои илмӣ ва ахлоқие, ки тайи солҳои  бардагӣ ва рукуд дар байни худи мусалмонон пайдо шуда буд, пеши дидагони ҳама қарор дод ва аз сӯи дигар сарчашма ва асоси фитна ва фасодҳои даври ҷадид-фарҳанги модапарастии Аврупо ва ҷунбишҳову ҳаракатҳои он-ро дар тирраси худ қарор дод, то зарбаи ниҳоӣ ба ҳадаф бихурад

ва фасод аз реша канда шавад ва танҳо бо инъикоси ин пажвокҳое, ки дар ҷомеаҳои исломӣ шунида мешавад, даргир набошад).

**В)** Мабҳаси сарчашма ва масодири илм ба таври фитрӣ дар ин илми калом аз аҳамияти вижае бархурдор аст

Асли даъвои Аврупо бар ин аст, ки ниёзе ба ваҳй нест. Барои сохтани фарҳанг ва тамаддун ақлу таҷрибаи инсонӣ кофист. Бар хилофи он Ислом ба ин бовар аст, ки ақлу таҷриба вақте муфиданд, ки дар равшании ваҳй вазифаи худро анҷом диҳанд, дар ғайри ин сурат ҳамон гуна, ки чашми инсон дар торикӣ қодир ба дидан нест, онҳо низ қодир ба дидану дарки ҳақиқат нахоҳанд буд. Ва нур ва рӯшноии ваҳй ҳамон Қуръони Пок аст. (Дар ин илми каломи навин талош шуда то ҷойгоҳи воқеии ваҳй, ақл ва таҷриба ба дурустӣ мушаххас гардад. Ҳамчунин ин маврид равшан шуда, ки чӣ ҷонибе аз маълумоти фароҳамшуда аз улуми ҷадид қобили истифодаанд ва дар майдони иснод марзу ҳадди дақиқи онҳо чист).

**Г)** Ақли солим дар равиши истинботии ин илми каломи ҷадид аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст. На ақлро ба куллӣ нафй мекунад ва на танҳо бар ақл кифоят мекунад.

Тафҳимул-Қуръон дар масири худ гом ба гом ақли салимро садо мезанад ва талош дорад ақл беш аз беш аз саломатӣ ва садоқат баҳраманд шавад ва ин ҳамон шеваи истидлоли худи Қуръон аст.

Рабти мантиқӣ ва иттифоқи дарунӣ ва ҳамоҳангӣ дар ин илми калом аз аҳамияти хосе бархурдор аст, ки дар канори он шууру эҳсос ба ҳақиқати нафсул-амрӣ ва мутобиқат бо он низ пайдо мешавад. Ҳам чунин дар рӯшноии натоиҷ ва додаҳо як равиши хос барои нафъу зарар собит мешавад. Ин истидлол

танҳо ақлӣ нест, балки аз ақл дар расидан ба он ба таври комил кӯмак гирифта шудааст.

Дар канори ақл аз шахсияти комили инсон, аз вуҷуди таърихӣ ва ахлоқии ӯ, аз шавқу шур ва эҳсосоти ӯ ва аз тавони мувозана ва тақобули ӯ ёрӣ мегирад, азин руст, ки ба қалбе, ки бадон мутмаин гардад, шахсияти ҷадид мебахшад, танҳо ӯро қонеъ намекунад, балки ба куллӣ тағйир медиҳад. Дар он маҳсус ва маълум  ва суғрову куброи далел омода мешаванд, бо огоҳӣ ва маърифати асбоби  тафаккур дар ҳақоиқ ва дарки маърифати дурусти он пайдо мегардад. Илми каломи навин ин шеваи истидлолро ихтиёр кардааст.

**Д)** Яке дигаре аз шеваҳои истидлолии Қуръон инаст, ки мухолифро бо усулу қавоид ва улуме, ки худаш бадон имон дорад ва дар баробари он таслим аст, халъи силоҳ мекунад.

(Ба таври мисол: кунҷковӣ қавми ҳазрати Иброҳим (а)ро ба ин ҳақиқат кашонид, ки шумо ҳозир нестед қабул кунед буте, ки онро ба унвони Худо ва маъбуд ва ҳоҷатравои худ қарор додаед, дигар бутҳои дуруғини шуморо шикаста бошад)

Илми каломи ҷадид дар барномаи нақд ва баррасии Ғарб аз ин шева ва равиш ба сурати бисёр ҷиддӣ кӯмак гирифтааст. Дар Тафҳимул-Қуръон намунаҳои бисёр ҷолибе аз ин равишро метавонӣ биёбӣ.

**З)** Дар илми каломе, ки Тафҳимул-Қуръон бунёнгузорӣ карда, баёни ҳикмат аз аҳкоми исломӣ ва муносибату ҳамоҳангии онҳо бо қазоё ва барномаҳои иҷроии рӯз аҳамияти хосе дорад. Ин шева аз як  тараф эътимоду яқин ба таълимот ва омӯзаҳои қуръониро рушд медиҳад ва аз тарафи дигар далелу бурҳонест қотеъ бар ин, ки Қуръон каломи илоҳист, чаро, ки гузашти замон ва тағйиру таҳаввулоти он бар таълимоту

омӯзаҳои Қуръон кучактарин асаре намегузорад ва ӯ дар қарни бистуми милодӣ ҳамон тозагӣ ва латафат ва шевову аҳамиятеро дорост, ки дар қарни ҳафтуми мелодӣ дар байни аҳли Макка дар саҳрои Арабистон доштааст.

**Г)** Яке дигаре аз шеваҳои намоёни истидлол дар Қуръон инаст, ки дар канори итминони қалб ва истиқрори фаҳм, дар ҳар қадам кӯшиш мекунад, нафс тазкия ва тарбият шавад, то шахсияти комил битавонад ба сӯи роҳ ва ҳадафи матлуб тараққӣ ва пешрафт намояд.

Тафҳимул-Қуръон дақиқан ҳамин равишро ихтиёр кардааст. Тафҳим ва тазқия дар тамоми масири он шона ба шонаи ҳам дар ҳаракатанд. Яъне дар ин илми калом асли гавҳари матлуб танҳо имон ва амали нек аст. Дар ҳар қадам талош шуда ин ду ба ҳам рабт дода шаванд, то он чӣ дар рагҳо ҷараён меёбад, аз чашмҳо низ берӯн ҷаҳад!

Ин буд чанд хаду холе, ки бар чеҳраи илми каломи Тафҳимул-Қуръон намоёнанд.

## 9. Феҳристи мавзуот

Яке дигар аз вижагиҳои хоси Тафҳимул-Қуръон феҳристбандии мавзуоти он аст.

Феҳристҳои мавзуии бисёр зиёд ва гаронбаҳое дар забонҳои мухтилиф барои Каломуллоҳи Маҷид нигошта шудааст, вале феҳристе, ки Тафҳимул-Қуръон тартиб дода, дар боби худ бемонанд аст. Ин ойинаест аз тамоми мабоҳису мавзуоти муҳими Қуръон ва Тафҳимул-Қуръон. Ин феҳристи ҳар масъала поя ва усулӣ ё фаръӣ ва ҷузъӣ, ки Қуръони Карим дар ҷойҳои мухталиф матраҳ кардаро дар баргирифтааст. Барои пуйидагон ва аҳли илме, ки рӯи Қуръон баҳсу баррасӣ мекунанд, бо

таваҷҷуҳ ба касрату танаввуи мавзуоти қуръонӣ ин феҳристи мавзуӣ неъмату армуғони ғайримунтазира аст.

Агар Тафҳимул-Қуръон доираи маорифе барои улум аст, ин феҳрист нардбонест, ки хонандаро ба ҳар ҷои ин доиратулмаорифи бузург раҳнамоӣ мекунад.

Ман ин “феҳристи мавзуӣ”ро низ аз ибтикороти Тафҳимул-Қуръон ба шумор меоварам, чаро, ки пеш аз ин ҳаргиз чунин феҳристе барои расидан ба мавзуоти Қуръони Карим ҳамроҳ бо тафсири Қуръон мураттаб нашудааст.

## Тафҳимул-Қуръон ва чолишҳои рӯзгори навин

Аз чолишҳои даври ҷадид метавон бардоштҳои мухталифе дошт ва ба шеваи гуногуне онро матраҳ сохт. Ман ба унвони касе, ки ба Қуръон бовар дорам ва шогирде аз Тафҳимул-Қуръон ҳастам вақте бо диққат дар ин бора менигарам, се ҷониб аз андешаҳои инҳирофии даври ҷадид, ки моро ба мубориза металабад, пеши дидгоҳам намоён мегардад:

**А)** Даври ҷадид тақрибан дар сатҳи ҷаҳонӣ ваҳйро инкор ё бидуни аз он нақши комиле аз зиндагӣ бар асоси худкомагӣ ва қавмпарастӣ ё назарияҳои динситезона бино кардааст. Ҳамаи ҷаҳони сосиализм ва иштирокӣ ва боварҳову андешаҳои миллати бедини аврупоӣ дар зери чатри ин ваҳйситезӣ қарор мегиранд. Пайравони ҳиндуизм ва сикҳо ва соири диёнатҳои ғайри осмонӣ низ то ҳадде ҷузъи ин гуруҳ ба шумо меоянд.

**Б)** Онҳое, ки ба ваҳйи осмонӣ бовар доранд, низ намепазиранд, ки силсилаи он ба Паёмбари Акрам (с) расида бошад, он ваҳйро охирин медонанд, ки ба Паёмбари онон расидааст! Онҳо омода нестанд бипазиранд Ислом дини илоҳӣ ва мабнӣ бар ваҳйи осмонӣ аст. Яҳудиёну масеҳиён ин гуруҳро ташкил медиҳанд.

В) Ҷузъи бузурге аз мусалмононе, ки ба паёмбарии ҳазрати Хотам (а) бовар доранд, дар ҷониби татбиқии зиндагии худ дину дунёро аз ҳам ҷудо қарор дода, инро барнома ва шеваи амалии худ қарор додаанд. Ҷудоии дину дунё ривоятест мазҳабӣ, ки динро дар чанд доираи махсус аз зиндагии фардӣ ва чанд шиори маҳдуд аз зиндагии иҷтимоӣ хулоса мекунад.

Назди бархе ин як ҷараёни дунёист, ки дар он гӯё то ҳудуде дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ динро тарк накардаанд, вале

маонӣ ва мафоҳими воқеии онро тағйир дода ва ё тағйир медиҳанд. Ин гуруҳ байни Ислом ва соири низомҳо ва афкору андеша ва тасаввурҳо пайванде барқарор мекунанд ва қавонин ва аҳкоми исломиро ба гунае тафсир мекунанд, ки дар воқеъ бо таҳрифи он мутародиф аст.

Он чӣ мо онро чолишҳои даври ҷадид меномем, дар ҳақиқат ин се ё чаҳор дидгоҳи бухронгароро шомил мешавад, ё метавон гуфт, ки ин чаҳор чеҳра аз он чолишҳост. Тафҳимул-Қуръон бо равиши худ ба ин шеваҳои чаҳоргонаи чолиш посух гуфтааст.

Дар баробари нуқтаи аввал Тафҳимул-Қуръон мавзуи исботи ваҳйро да барномаи худ қарор дода, бо далоилу бурҳонҳои қавӣ собит кардааст инсон ниёз ба раҳнамо ва ҳидоят аз сӯи Парвардигори худ дорад ва саодату комёбӣ ва хушбахтии ӯ танҳо дар пазириши роҳнамоиҳо Парвардигор ва ҷомаи амал пушондан ба онҳост.

Дар бораи нуқтаи дуввум Тафҳимул-Қуръон нишон додааст онҳое, ки худро моликону иҷорадорҳои ваҳй медонанд, дар воқеъ ҷинояткороне ҳастанд, ки ҳақро пинҳон карда, чеҳраи воқеии онро мепушонанд. Китоби муқаддас-Инҷил ва Таврот-дар шакли воқеии худ ба таври умум ҳамон даъват ва паёмеро тақдим дошта, ки Қуръони Пок онро тақдим медорад, вале пайравони ин китобҳо шаклу сурати онҳоро ба гунае масх карда, аз байн бурдаанд, ки имрӯз дар онҳо тасвири комиле аз ваҳйи илоҳиро ҳаргиз наметавонӣ биёбӣ.

Дар ду мавриди ахир Тафҳимул-Қуръон он ду гуруҳро мухотаб қарор дода, иштибоҳоти онҳоро дар равшании Қуръон ва ақл баён карда, таълиму омӯзаҳои Қуръонро ба сурати ду ду то чаҳорто, возеҳу равшан матраҳ сохтааст.

Биниши хушку танги мазҳабгароиро аз беху бун меканад, паёми инқилоби Қуръонро равшан намуда, нишон медиҳад, ки Қуръон чӣ гуна гуша гушаи зиндагиро таъмир намуда, онро аз сари нав бозсозӣ мекунад. Ҳамчунин ба равшанӣ матраҳ месозад, ки курароҳе барои расидан ба саодату наҷот ва комёбӣ вуҷуд надорад.

Танҳо шеваи дурусти зиндагӣ онаст, ки тамоми зиндагӣ дар бандагии Офаридагор хулоса шавад ва бар замини Худо танҳо қонуну дастуроти худи Ӯ ҷорӣ ва нофиз гардад. Ҳақи намоз ва ибодат низ танҳо дар сурате адо мешавад, ки талош ва кӯшишаш барои озодӣ ва раҳоии зиндагӣ ва низому барномаи он аз гуноҳ ва саркашӣ ва тоғӯту худкомагон ҳамвора барқарор бошад.

Тафҳимул-Қуръон каҷфаҳмиҳои таҷаддудгароён ва ё ба ибораи равшантар: он каҷфаҳмиҳоеро, ки мехоҳанд дигаронро ба онҳо мубтало созанд, дӯр карда мегӯяд, ки роҳу равиши пайравӣ ё саркашӣ қобили фаҳм аст, вале инкор ва саркашӣ аз ҳақ пас аз дарку фаҳм ва имон бадон, бар хилофи ақлу Қуръон ва пояҳои асосии ахлоқ аст.

Бадин сурат Тафҳимул-Қуръон тамоми ҷавониби чолишҳои даври ҷадидро муолиҷа намуда, ҷавобҳои созанда ва мусбат додааст.

Ва болотар ва муҳимтар аз ҳама ин, ки бо ибтикори илми каломи ҷадиде тасаввури Қуръон аз дин ва барномаи зиндагиро ба гунаи бисёр созанда ва мусбат тақдим доштааст. Бо ин равиш ин китоб кореро анҷом дода, ки барои анҷоми он ниёз ба китобхонаҳост. Тафҳим барои ин давра аз замон танҳо беҳтарин устоду адаб нест, балки устоду адабсоз ва инсонгарост..

Дар партави он инсонҳое сохта мешаванд ва хоҳанд шуд, ки битавонанд ташнагарой ва чолишҳову ташаннуҷсози даври

ҷадидргo ҷавобгӯ бошанд ва аз ин сарчашма он дарёҳое барун меҷаҳанд, ки метавонанд ҷадидтарин кувейрҳо ва саҳроҳои ташнаи фикру андеша ва илму адабро сероб созанд..

## Феҳристи мавзуот

1. Муқаддима.......................................................................3
2. Тафсири Қуръон.. пажвоки андешаи исломӣ...............5
3. Ҳикояти тафсир дар Шибҳи Қора...................................13
4. Тафҳимул-Қуръон ва нуқтаи таҳаввули зиндагии милли мо....................................................................17
5. Ду вижагии бунёдии Тафҳимул-Қуръон.......................22
6. Вижагиҳои дигар...............................................................30
   - Робитаи мустақим...........................................................30
   - Назми Қуръон..................................................................31
   - Тарҷумаи Қуръон............................................................33
   - Дебочаи сура...................................................................34
   - Аҳкоми Қуръон................................................................35
   - Пажуҳишҳои тақобули адён...........................................36
   - Навгароӣ..........................................................................37
   - Илми каломи ҷадид........................................................38
   - Феҳриси мавзуот.............................................................44
7. Тафҳимул-Қуръон ва чолишҳои рӯзгори навин..........46
8. Феҳристи мавзуот.............................................................50